**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________ Файзулло М.Қ.
«_28_» ___04_______ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» ба диссертатсияи номзадии Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Мавзуи таҳқиқоти илмии Раҷабзода Аъзамҷон Нурали ба омӯзиши «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, дорои аҳаммияти баланди илмӣ-амалӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси суратмаҷлиси №6-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12-уми марти соли 2025 Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ба ҳайси муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Раҷабзода Аъзамҷон Нурали таъин гардид.

Диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар заминаи амалӣ намудани нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2026 анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, протоколи №9, аз 25 апрели соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) комилан мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили сохтори мустақили сиёсати хориҷӣ ниёз дошт, ки ин раванд дар шароити басо мураккабу буҳронӣ сурат мегирифт. Зеро кишвари тозаистиқлол дар оғози марҳилаи нави давлатсозӣ, ғарқи гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ шуда, бо таҳдидҳои ҷиддии дохиливу хориҷӣ рӯ ба рӯ буд. Дар чунин вазъияти ҳассос ташкили муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ ва хизмати дипломатӣ, аҳаммияти сарнавиштсоз пайдо мекард.

Бо вуҷуди мушкилоти шадиди сиёсиву иқтисодӣ, роҳбарияти мамлакат, таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба масъалаи таҳияи самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва ташкили мактаби миллии дипломатия таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Ин раванд ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷаҳон, аъзошавии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи ҷаҳониро дар бар мегирифт.

Бунёди мактаби миллии дипломатӣ ва хизмати давлатӣ дар ин давра ба унвони як ниёз ва талаботи замон зуҳур кард, ки мақсад аз он тарбияи кадрҳои баландихтисос барои пешбурди сиёсати хориҷии кишвар, ташаккули симои байналмилалии Тоҷикистон ва таҳкими нуфузи он дар арсаи ҷаҳонӣ буд. Ҳамин тариқ, ташкили сиёсати хориҷии мустақил ва дипломатияи миллӣ яке аз самтҳои калидӣ ва афзалиятноки фаъолияти давлатӣ дар солҳои аввали истиқлолият маҳсуб мешуд.

Дар радиф бояд қайд кард, ки дар амалӣ гардидани ҳадафҳои зикршуда саҳми академик Талбак Назаров ниҳоят бузург мебошад. Зеро ӯ на танҳо дар мақоми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст, балки бо такя ба дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун ташаббускори асосии таъсис ва ташкили сохтори муассири хадамоти дипломатии кишвар баромад кардааст.

Ба шарофати таҷрибаи ғании сиёсию дипломатӣ ва заҳматҳои пайвастаи ӯ, дипломатияи тоҷик тавонист ҳамчун як ниҳоди муассир ва таъсиргузор дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ташаккули симои мусбати кишвар дар арсаи байналмилалӣ арзи вуҷуд намояд. Маҳз ба ҳамин далел, имрӯз Талбак Назаровро сазоворона «пешоҳанги» дипломатияи муосири тоҷик меноманд, ки бо мероси арзишманди худ барои наслҳои оянда намунаи ибрат боқӣ мемонад.

Ҳамзамон, таҳқиқи саҳми академик Т. Назаров имкон медиҳад, ки асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар давраи нави таърихӣ таҳлил ва арзёбӣ шаванд, ки ин ба рушди минбаъдаи илмӣ ва амалии сиёсати хориҷии миллӣ мусоидат мекунад.

Инчунин, мубрамии мавзуи мазкур дар ифода мегардад, ки то имрӯз дар адабиёти ватанӣ ба таври кофӣ ва амиқ таҳқиқ нашудааст, ҳарчанд фаъолияти

академик Талбак Назаров дар ҷомеа ва сиёсати хориҷии кишвар ҷиҳати назаррас ва бозтоби васеъ ёфтааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ин таҳқиқоти диссертатсионӣ холигии мавҷударо пур карда, тасаввуроти илмӣ оид ба равандҳои ташаккули дипломатияи тоҷикро дар давраи соҳибистиқлолӣ густариш медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муаллиф мақсади таҳқиқоти мазкурро дар таҳлили ҳамаҷонибаи шахсият ва нақши академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Ӯ кӯшиш намудааст, ки саҳми муҳим ва назарраси Т. Назаровро дар шаклгирии дипломатияи муосири тоҷик ва низоми сиёсати хориҷии кишвар дар даврони истиқлолият ба таври илмӣ ва амалӣ муайян намояд. Аз ин хотир, барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, муаллиф вазифаҳои зеринро бар иҷро намудааст:

1) давраҳои муҳими ҳаёт ва фаъолияти сиёсиву илмии академик Талбак Назаровро, аз овони ҷавонӣ то расидан ба мақоми арбоби шинохтаи сиёсӣ ва давлатӣ, амиқ ва ҳамаҷониба таҳлил ва таҳқиқ кардааст;

2) нақши академик Талбак Назаровро дар ташаккул ва рушди мақомоти сиёсати хориҷӣ ва хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, фикру назарияҳои илмии ӯро дар хусуси рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ба таври амиқ таҳлил ва баррасӣ намудааст;

3) саҳми академик Талбак Назаровро дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон ҳамаҷониба баррасӣ намуда, дар асоси сарчашмаҳои эътимодбахш баҳои мунсифона додааст;

4) шахсияти Талбак Назаровро ҳамчун муаррифгари давлату миллати тоҷик дар хориҷ аз кишвар омӯхта, ақидаҳои сиёсатмадорону донишмандони дохилию хориҷиро дар бораи ҷойгоҳ ва саҳми ӯ дар рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба таври дақиқ арзёбӣ намудааст.

Иҷрои вазифаҳои зикршуда ба муаллиф имкон додаанд, ки масъалаи таҳқиқотро бо назари васеъ ва илмии муосир мавриди омӯзиш қарор дода, паҳлуҳои муҳимтарини фаъолияти академик Талбак Назаровро ба таври амиқ ва муфассал таҳлил намояд.

**Саҳми илмии муҳаққиқ.** Муаллифи диссертатсия академик Талбак Назаровро ҳамчун «пешоҳанги» дипломатияи муосири тоҷик дар асоси сарчашмаҳои илмӣ муаррифӣ намуда, бори аввал нақши ӯро дар рушду ташаккули Вазорати корҳои хориҷӣ, интихоби кадрҳо ва барқарорсозии робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар шароити душвори солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI нишон додааст.

Ҳамзамон, аз натиҷаҳои муҳимтарини илмии таҳқиқоти муаллиф, ки дар диссертатсия ҷой дода шудааст, метавон инҳоро номбар кард:

– муайян намудани усули вижаи дипломатии академик Талбак Назаров дар фаъолияти касбӣ ва ҳаёти шахсӣ;

– саҳми Талбак Назаровро дар ба даст овардани сулҳи тоҷикон дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ исбот кардааст;

– таҳлили банизомдарории асосҳои ҳуқуқии дипломатияи муосири тоҷик дар давраи роҳбарии академик Талбак Назаров.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** мазкур, пеш аз ҳама, дар таҳлили амиқ ва мукаммали раванди ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ифода меёбад. Таҳқиқоти мазкур ба сифати аввалин кори илмии мукаммал дар мавзуи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳиму навгонии таҳқиқот истифодаи васеи сарчашмаҳои нодир ва то ҳол камомӯхташуда мебошад, ки муаллиф бо такя ба онҳо тавонистааст ҷанбаҳои нави муҳим ва нотавсияшудаи масъалаи мавриди таҳқиқро равшан созад. Бо таваҷҷуҳ ба паҳлуҳои зикршуда, метавон гуфт, ки ин таҳқиқот дорои навгонии назарраси илмӣ буда, саҳми босазо дар рушди илми таърихи дипломатияи муосири Тоҷикистон мегузорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот як қатор хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст, ки боиси баланд гардидани арзиши илмӣ-назариявии рисолаи мазкур гардидаанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур аввалин тасвири ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии фаъолияти дипломатии академик Талбак Назаров маҳсуб меёбад. Дуюм, маълумоти нави манбаӣ ва таҳлилӣ оид ба ташаккули дипломатияи тоҷик дар як давраи муайян ба ҳисоб меравад. Сеюм, таҳлили назариявии таъсири сифатҳои дипломатии як шахсият ба фаъолияти дипломатӣ бо диди амиқ ва илмии муфассал анҷом ёфтааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи муҳими илмӣ ва амалии таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ барои ихтисосҳои муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия, минтақашиносии хориҷӣ ва таърихи муосири Тоҷикистон хизмат намоянд. Илова бар ин, тавсияҳо ва маълумоти фарогире, ки дар матни диссертатсия ҷой дода шудаанд, қобили истифода ҳамчун сарчашмаи соҳавӣ барои намояндагони мақомоти давлатӣ, ходимони сиёсӣ ва хизматчиёни дипломатӣ мебошанд. Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин ба муҳаққиқони ҷавон замина фароҳам меорад, то шева ва равиши таҳлили сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи муосири тоҷикро тавассути таҷриба ва фаъолияти шахсиятҳои калидӣ, аз ҷумла академик Талбак Назаров, дарк намуда, мавриди омӯзиш қарор бидиҳанд.

**Сохтори диссертатсия** аз мундарича, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, объект ва предмети таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, аҳамияти амалию назариявӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ ба таври дақиқ ва илмӣ муайян карда шудаанд. Инчунин, дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми он оварда шудааст, ки мубрам будани саҳми академик Талбак Назаровро дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд.

Боби якуми таҳқиқот – «Марҳилаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти академик Талбак Назаров» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми ин боб – «Солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсӣ» ном дошта, дар он аз ҷониби муаллиф хулоса шудааст, ки академик Талбак Назаров қадамҳои ҷиддии аввалини худро дар ҳаёт ҳамчун олим ва педагог гузошта, фаъолияти худро ба сифати муҳаққиқи масъулиятшинос оғоз карда, тавонист дар овони ҷавонияш ба як шахсияти барҷастаи илмию сиёсӣ табдил ёбад. Дар зербоби дуюми боби якум – «Ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ» муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки академик Талбак Назаров дар ҳаёт худро на танҳо ҳамчун муҳаққиқи беҳамто, балки ҳамчун як чеҳраи бузурги сиёсӣ ва арбоби барҷастаи давлатӣ низ нишон дода, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун сиёсатмадори барҷаста эътироф гардид.

Боби дуюми диссертатсия – «Талбак Назаров – дипломат ва ходими давлатӣ» унвон гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боб – «Нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон дошта, муаллиф дар асоси таҳқиқоти қисми мазкур ба чунин хулоса омадааст, ки дар даврони роҳбарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар уҳда доштани академик Талбак Назаров эҳёи сиёсати хориҷӣ дар чанд самт сурат гирифта, оқибат пойгоҳи мустаҳкамеро барои амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварда шуд. Зербоби дуюми ин боб – «Андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, муаллиф дар асоси таҳлилҳо хулоса баровардааст, ки андешаҳои Талбак Назаров барои барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои ҷаҳон, инкишофи босуръати робитаҳои дипломатию сиёсӣ, ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик, зарурати ҳарчи зудтар ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ кумаки беандоза намудаанд. Зербоби сеюми боби дуюм – «Саҳми академик

Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997)» номгузорӣ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки яке аз хизматҳои муҳимтарини Талбак Назаров дар назди ҳамватанонаш он аст, ки ӯ ҳайати ҳукуматиро дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон бо ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ карда, дар хотима бахшидани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани сулҳи тоҷикон саҳми ниҳоят калон гузоштааст. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф омӯзиши он барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон амри воқеӣ мебошад.

Боби сеюми рисола – «Нуфуз ва эътибори байналмилалии академик Талбак Назаров» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми ин боб – «Талбак Назаров муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ» буда, дар он муаллиф оид ба саҳми Талбак Назаров дар муаррифии давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва нуфузу эътибори байналмилалии ӯ ибрози назар намудааст. Муаллиф дар ин зербоб қайд кардааст, ки Т. Назаров ба воситаи суханрониву баромадҳои илмиву сиёсиашон аз баландтарин минбари созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ – СММ, САҲА, СҲШ ва ғайра тавонист давлат ва миллати тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Зербоби дуюми боби сеюм – «Ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров» номгузорӣ шудааст. Дар қисмати мазкур, муаллиф фикру ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаровро таҳлил карда, қайд кардааст, ки дар ҳақиқат шахсияти мазкур дар ташаккулу рушди муносибатҳои дипломатӣ, дар амал татбиқ намудани сиёсати хориҷии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ нақши беандоза дошта, дар байни дипломатҳои тоҷик мақоми хосаро дорад.

Дар хулоса натиҷаҳое, ки дар асоси таҳлилу арзёбиҳо ба даст оварда шуданд, ҷамъбаст гардида, аз ҷониби муаллиф якчанд тавсияву пешниҳодҳо карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти баланди илмӣ ва муҳтавои ғании таҳлилӣ мебошад, дар баробари он баъзе нуктаҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмил ва ғанӣ гардидани натиҷаҳои илмӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла:

– бо вуҷуди он ки дар диссертатсия аз як қатор санадҳо ва маводи муҳими бойгонӣ иқтибос оварда шудааст, нашри пурраи ин ҳуҷҷатҳо дар шакли замима ба рисола ворид нагардидааст. Дар ҳолати илова намудани онҳо ҳамчун замима, эътимоднокии илмӣ, арзиши амалии пажуҳиши мазкур, дучанд мегардид;

– дар ҷараёни таҳияи рисола, гарчанде ки аз методҳои анъанавии таҳқиқотӣ, аз қабили таҳлили таърихӣ, тавсифӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст, вале аз методҳои муосири таҳлили илмӣ, ба монанди контент-таҳлил ва ивент-

таҳлил, ки метавонанд паҳлуҳои равандҳои сиёсиву дипломатиро амиқтар ва дақиқтар бознамоянд, истифода нагардидааст;

– бо вуҷуди он ки дар ҷараёни таҳияи диссертатсия аз сарчашмаҳои хориҷӣ низ истифода гардидааст, таҳлили муқоисавии ҷанбаҳои баёнгаштаи муаллифони тоҷик ва хориҷӣ оид ба шахсият ва нақши академик Талбак Назаров мавқеи возеҳ пайдо накардааст. Иҷрои чунин муқоиса метавонист ба таҳлили муътамад ва ҳамаҷонибаи масъала мусоидат намояд;

– дар матни диссертатсия баъзе иштибоҳоти ҷузъии имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо метавонад ба боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи услубӣ ва зоҳирии рисола мусоидат намояд.

Албатта, камбудию норасоиҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуни илмии рисоларо коста намегардонад. Ислоҳи камбудиҳову норасоиҳои зикршуда дар вақти омода кардани кори мазкур ҳамчун монография барои интишор лозим ониста мешавад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти илмии Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) арзанда мебошад. Дар баробари ин, муҳаққиқ қобилияти баланди илмӣ дошта, донишҳои бунёдӣ, таълифот ва фаъолияти ӯ бевосита ба самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ алоқаманд буда, бо ин самт робитаи ногусастанӣ дорад.

Махсусан, қайд кардан зарур аст, ки унвонҷӯ натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсияро дар 10 мақола, аз ҷумла дар 7 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ нашр кардааст.

Ҳамин тавр, бо итминон метавон гуфт, ки диссертатсияи Раҷабзода А.Н. ҳамчун таҳқиқоти илмии комил ва мукаммал анҷом ёфта, мазмуну муҳтаво ва сохтори он дар сатҳи баланд омода гардида, ба ҳама талаботи муқарраргардидаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, унвонҷӯ Раҷабзода Аъзамҷон Нурали сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дар ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Негматова Шаҳноза Рузиевна омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур рӯзи 25-уми апрели соли 2025 муҳокима ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №9 аз 25 апрели соли 2025

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Ҳакимов М.Қ.**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Негматова Ш.Р.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Пардаев С.А.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30, МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон». Тел. (корӣ): (+992 37) 221-35-50; E-mail: info@rtsu.tj; Сомонаи расмии муассиса: http://www.rtsu.tj

**Имзоҳои М.Қ. Ҳакимов, Ш.Р. Негматова ва С.А. Пардаевро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**

**«25» 04 соли 2025**